# Ҳаққи Худованд бар бандагонаш он аст, ки Ӯро ибодат кунанд ва чизеро шарики Ӯ қарор надиҳанд, ва ҳаққи бандагон бар Худованд он аст, ки Ӯ Таъоло онҳоро дар ҳоле,ки ба Ӯ таъоло шарик қоил нашудаанд азоб надиҳад

Аз Муъоз (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Пушти Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар маркабе ки Уфайр ном дошт, нишаста будам. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтанд: "Эй Муъоз оё медони ҳаққи Худованд бар бандагонаш ва ҳаққи бандагонаш бар Худованд чист? Гуфтам: Худованд ва Паёмбараш хубтар медонанд. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Ҳаққи Худованд бар бандагонаш он аст, ки Ӯро ибодат кунанд ва чизеро шарики Ӯ қарор надиҳанд, ва ҳаққи бандагон бар Худованд он аст, ки Ӯ Таъоло онҳоро дар ҳоле,ки ба Ӯ таъоло шарик қоил нашудаанд азоб надиҳад". Муъоз (Худованд аз ӯ розӣ бод) мегӯяд: гуфтам эй Расули худо! Оё мардумро мужда надиҳам? Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: "Башорат надеҳ, ки онҳо ба ин такя (ва танбалӣ) мекунанд".

[صحيح] [متفق عليه]

Паёмбари Худо ҳаққи Худованд бар бандагон ва ҳаққи бандагон бар Худовандро ин гуна баён медоранд: ҳаққи Худованд бар бандагон он аст, ки Ӯро танҳо ибодат кунанд ва касеро бо Ӯ Таъоло шарик қарор надиҳанд, ва ҳаққи бандагон бар Худованд он аст, ки касе аз онҳоро, модом ба Худованд касеро шарик қарор намедиҳанд, азоб надиҳад. Сипас Муъоз (Худованд аз ӯ розӣ бод) гуфт: эй Расули Худо! Оё мардумро мужда надиҳам, то аз ин хушхабар хушҳол шаванд? Аммо Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ӯро аз мужда додан боздоштанд, то мардум ба он такя накунанд, (яъне дар ибодат ва амал кӯтоҳӣ накунанд).

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY

لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee